Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-062 назди Донишгоҳи славянии Тоҷикистон-Россия

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати Ятимов Амирхон Ҷурахонович дар мавзӯи «Ташаккул ва такмили иқтидори илмӣ-техникии инноватсионии минтақа дар шароити муосир (дар мисоли вилояти Хатлон)», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.06.02 – Идоракунии инноватсияҳо ва рақамикунонии равандҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ.**

Дар Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 низ зикр гардидааст, ки «...марҳалаи ба анҷом расонидани индустриализатсияи босуръат ва ташаккули иқтидорҳо барои рушд дар асоси дониш ва навовариҳо солҳои 2026-2030 мебошад». Дар ҳамин ҳол шарти зарурии рушди иқтисоди миллӣ ва баланд бардоштани рақобатпазирии молҳои ватанӣ дар бозорҳои дохилӣ ва хориҷӣ - ин беҳтар намудани иқтидори илмию техникии инноватсионӣ дар минтақаҳо мебошад. Татбиқи онҳо дар таҷрибаи хоҷагидории минтақа метавонад рушди иқтисод ва рақобатпазирии он, баланд бардоштани сатҳи зиндагӣ ва дараҷаи қонеъгардонии талаботи аҳолиро таъмин намояд.

Аз ҳамин лиҳоз таҳқиқоти илмии Ятимов Амирхон Ҷурахонович дар масъалаи ташаккул ва такмили иқтидори илмӣ-техникии инноватсионии минтақа дар шароити муосир саривақтӣ ва мубрам аст.

Аҳамиятнокии таҳқиқот, мақсаду вазифаҳои он исбот карда шуда, ақидаву хулосаҳоеро, ки ба ҳимоя бароварда мешавад, дар амал татбиқ намудан мумкин аст.

Муаллиф қайд менамояд, ки инноватсия дар шароитҳои муосир яке аз муҳаррики рушди интенсивии иқтисод мебошад. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низ ба ҷанбаҳои мухталифи масъалаи инноватсия корҳои олимон-иқтисоддонҳои ватанӣ, ба мисли: Файзуллоев М.Қ., Комилов

С.Ҷ., Ашуров И.С., Султонов З., Алиева Г.Ш. Ҷумъаев У.М., Шодиев Ф.Т., Самадов Р.И. ва дигарон назаррас буда, андешаҳои ҳар яки онҳоро дар диссертатсия мавриди таҳлил қарор додааст (С.9). Инчунин Ятимов А.Ҷ. сохтори консептуалии иқтидори илмӣ-техникии инноватсионии минтақаро дар расми 1 мураттаб сохтаанд, ки тамоми унсурҳои ба ҳам вобаста ва алоқамандро фарогир аст (Расми 1. с.10).

Диссертант дар рафти таҳлили адабиёти назариявӣ, қайд намудааст, ки то ба ҳол дар адабиёти илмӣ, назарияи ягонаи аз тарафи умум эътирофшуда нисбат ба иқтидори илмӣ-техникӣ мавҷуд нест ва онро дар сатҳҳои гуногун, яъне дар баъзе шарҳу тафсирҳо ба мазмуни ин категория, дар мавридҳои дигар бошад, ба хусусиятҳои амалкарди он ва дар мавриди сеюм бошад, ба хислати истифода ва алоқаи мутақобила бо дигар соҳаҳои фаъолияти инсон ва монанди инҳо таваҷҷуҳ зоҳир намудаанд, ки ин сади роҳи такмилу ташаккули низоми идоракунии иқтидори илмӣ-техникӣ дар минтақа мегардад (С.11).

Дар қисмати хулосаҳо Ятимов А.Ҷ. аз таҳқиқоти худ натиҷагирӣ карда, тавсияҳои амалиро барои беҳтарсозии иқтидори илмӣ-техникии инноватсионӣ дар вилояти Хатлон пешниҳод намудааст.

Мулоҳизоту ақидаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионии Ятимов А.Ҷ. дар 11 интишороти илмӣ инъикос ёфтаанд, ки аз онҳо 8 мақолаи илмӣ дар нашрияҳои тақризавандаи КОА ҶТ ба табъ расонида шудаанд.

Дар маҷмуъ, авторефератӣ диссартатсияи А. Ҷ. Ятимовро мусбӣ арзёбӣ намуда, қайд менамоем, ки дар баробари дигар ҷанбаҳои инкишофи иқтидори илмӣ-техникии инноватсионӣ, агар самтҳои афзалиятноки рушду такомули он низ дар вилояти Хатлон пурра зоҳир сохта мешуданд ба мақсад мувофиқ буд.

Ҳамин тариқ, кори диссертатсионии Ятимов А.Ҷ. дар мавзуи «Ташаккул ва такмили иқтидори илмӣ-техникии инноватсионии минтақа дар

шароити муосир (дар мисоли вилояти Хатлон)» кори мукаммали тахассусии илмӣ буда, ҷавобгӯи талаботи КОА ҶТ нисбат ба рисолаҳои номзадӣ ва муаллифаш сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.06.02 – Идоракунии инноватсияҳо ва рақамикунонии равандҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ мебошад.

Дотсенти кафедраи иқтисодиёти
корхонаҳо ва соҳибкории ДМТ,
н.и.и., дотсент Фаррухӣ Р.

ш. Душанбе к. Буни Ҳисорак,
Шаҳраки донишҷӯён, Бинои
таълимии №9-и ДМТ,
E-mail: ffarruhruz@mail.ru
Сомона: https://tnu.tj/

«Имзои Р. Фаррухиро тасдиқ мекунам»
Сардори раёсати кадрҳо ва
корҳои махсуси ДМТ Э. Ш. Тавқиев

21.12.22